**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Негматов Баҳодур Сафарович дар мавзуи «Тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

Бо тақозои замон дар мурофиаи ҷиноятии муосир институтҳои нави ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ руи кор омада истоданд, ки онҳо мазмунан ба ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии анъанавӣ таъсири худро мерасонанд. Дар ин ҳолат, интихоб намудани шакли баррасии парванда аз тарафи иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ аҳамияти махсусро касб менамояд. Механизми ҳифзи ҳуқуқии мурофиаи суди ҷиноятӣ пешниҳод менамояд, ки ҳангоми интихоби шакли мурофиаи судии ҷиноятӣ манфиати иштирокчиёни мурофиа оид ба парвандаи ҷиноятии муайян, ба инобат гирифта шавад. Давомнокии мурофиа дар ин механизм мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Падидаи мурофиаи ҷиноятӣ, ки барои сарфаи давомнокии мурофиа, қувва ва воситаҳои мурофиавӣ нақши ҳалкунанда дорад, ин падидаи тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ мебошад. Аҳамият ва нақши амалии мурофиаи соддкардашуда дар мурофиаи ҷиноятӣ асоснокии махсусро талаб намекунад, чун ки он дар таҷрибаи чандсолаҳо миёни низомҳои ҳуқуқӣ истифода гардида, ифодаи худро на танҳо дар қонунгузории давлатҳои алоҳида, балки санадҳои байналмилалӣ ёфтааст.

Бояд тазаккур дод, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар меъёри алоҳида ҳуқуқ ба ҳимояи судиро муқаррар намуда, ба ҳар кас кафолат додааст, ки талаб намояд парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд. Аз ин меъёри конститутсионӣ бармеояд, ки судшаванда ҳуқуқ дорад ба суд ҷиҳати баррасии парванда дар муҳлати кӯтоҳ (оқилона) дархост пешниҳод намояд. Аз ин бармеояд, ки тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ маҳз барои амалисозии ҳолатҳои дар боло ишорашуда нақши ҳалкунанда дорад. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки “яке аз роҳҳои ҳалли масъалаи самаранок истифода намудани муҳлатҳои мурофиа-

вӣ, кам намудани сарбории судяҳо, дар муҳлатҳои муқарраршуда ва бо харҷи камтар баррасӣ намудани парвандаҳои ҷиноятӣ ба низоми мурофиаи ҷиноятӣ ворид намудани тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ маҳсуб меёбад".

Диссертант дар таҳқиқоти худ падидаи тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судиро аз давраи тошуравӣ шуруъ намуда, баъдан давраи шуравӣ ва муосири рушд ва инкишофи мавзуи таҳқиқшавандаро ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намуда, ҷиҳати такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии амалкунанда тавсияҳои судмандро пешниҳод намудааст.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки аз ҷониби муаллиф таҳқиқоти ҳамаҷониба, пурра, низомнок баҳри расидан ба мақсад ва вазифаҳои дар наздаш гузошташуда анҷом дода шудааст.

Унвонҷӯ баҳри расидан мақсаду вазифаҳои гузошташуда аз санадҳои меъёриву ҳуқуқии на танҳо Тоҷикистон, аз ҷумла санадҳо - сарчашмаҳои ҳуқуқии таърихӣ, балки аз қонунгузории амалкунандаи кишварҳои хориҷӣ фаровон истифода бурдааст. Тавсияҳои назарӣ ва амалие, ки аз автореферати дисертатсия ба мушоҳида мерасанд, аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, омодасозии адабиёти таълимӣ ва илмӣ заминагузор бошанд.

Доир ба мазмун ва моҳияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф мақолаҳои зиёдеро ба табъ расонидааст, ки аз интишороти довталаби дараҷаи илмӣ бармеоянд.

Дар баробари паҳлӯҳои мусбии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз мазмун ва моҳияти автореферати диссертатсия бармеояд, баъзе нуқтаҳои назари баҳснок мушоҳида мегарданд.

Дар тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот (№8) муаллиф қайд менамояд, ки агар судшаванда ба баъзе лаҳзаҳои айбдоркунӣ, ҳаҷми зарари бо ҷиноят расонидашуда ва даъвои гражданӣ норозӣ бошад, пас дархост оид ба татбиқи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ набояд қонеъ карда шавад. Оё ба гуноҳи худ иқрор гардидани судшаванда барои татбиқи падидаи мазкур басанда нест? Масъалаи мазкур аз муаллиф асоноккунии иловагиро тақозо менамояд.

Албатта, эроди овардашуда баҳснок буда, ба арзиши баланди таҳқиқот таъсиргузор нест. Таҳқиқоти илмиро мо ҳамчун таҳқиқоти комплексӣ ва анҷомёфта баҳогузорӣ намуда, муаллифи онро сазовори дар-

ёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мешуморем.

Автореферати диссертатсияи Негматов Баҳодур Сафарофич ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба талаботи бандҳои 31-33- и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
директори ООО «Tadqiqot» ш. Ташкент Файзиев Ш.Ф.

Имзои Файзиев Ш.Ф.- ро тасдиқ
мекунам: Сардори шуъбаи кадрҳои
ООО «Tadqiqot» ш. Ташкент Атаджанова Ф.

**Суроға:** Ҷумҳурии Убекистон ш. Ташкент куч. А. Темур 1 д. 2.
Телефон: +998944040000. E-mail: info@tadqiqot.uz